**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-082- и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ)**

Комиссия экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи номзадии Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 аз 11.07.2025, суратмаҷлиси №1 дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст:

1. **Абдуллоев Маҳмуд Холович** – узви шуро, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ», аз рӯи ихтисоси (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) – раиси комиссия;

2. **Баротов Маҳмашариф Юсупович** – узви шуро, номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯи ихтисоси (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) – узви комиссия;

3. **Неъмонов Беҳрӯзҷон Зариёевич** – номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз рӯи ихтисоси (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) – узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ тадқиқоти диссертатсионии Садбарги Исоро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дода ва ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Диссертатсияи Садбарги Исо ба омӯзиши масъалаи муҳими таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991) мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст, ки аҳаммияти илмӣ дорад.

Бояд зикр намуд, ки дар сохтмонҳои ирригатсионӣ ва азхудкунии заминҳои нав аз ҳисоби даҳҳо ҳазор муҳоҷирон захираҳои бузурги меҳнатӣ зиёд карда шуданд. Ба ин муносибат тадқиқи таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991), дар вазъияти ҷадиди кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол аз назари таърихнигории давлати соҳибистиқлол аҳаммияти илмӣ-таърихӣ дорад.

Чанд сол аст, ки донишмандони соҳаи таърих ба масоили дар боло зикршуда рӯ оварда дар масъалаи обёрии заминҳои боир ва муҳоҷиркунии аҳолии ба манотиқи гуногуни мамлакат фикрҳои ҷолибе баён доштаанд, аммо то ҳол таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар дохили вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991), аз ҷиҳати илмӣ махсус ва ҳаматарафа омӯхта нашудааст.

Аҳамияти илмӣ-таърихнигории таҷрибаи таърихии масъала боз ҷиҳати татбиқи стратегияи иқтисодии Тоҷикистони соҳибихтиёр дар замони муосир, барои заминҳои ҳосилхези вилояти Кӯлобро аз нав сохтан ва пурратар истифода бурдан, корҳои мелиоративиро дар асоси комёбиҳои илму техникаи ҳозира фаъолона пеш бурдан, зоҳир мегардад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади

илм аз рӯйи ихтисоси **07.00.00** - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ **(07.00.02 - Таърихи ватанӣ)** мувофиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба **шиносномаи ихтисоси 07.00.00** - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ **(07.00.02 - Таърихи ватанӣ)** мутобиқ аст.

Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 21 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, 14 адади онро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ба чоп расида ташкил медиҳад.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки талаботи банди 35 -и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба нашри натиҷаҳои диссертатсия риоя гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф пуррасозии анъанаҳои ҳанӯз дар давраи шуравӣ ташаккулёфтаи иҷрои корҳои илмӣ дар асоси сарчашмаҳои бойгонии тамоми самтҳои ҳокимият, ҳизб, созмонҳои ҷамиятӣ ва муассисаҳои истеҳсолӣ, ки ба масъалаҳои таърихи муҳоҷиркунӣ

ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоб бахшида шуда, дар интишороти гуногун инъикос ёфтаанд, ташкил медиҳанд.

**Эътимоднокии** натиҷаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардашударо муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисолаҳо таҳияшуда иҷрои корҳои илмӣ дар асоси сарчашмаҳои бойгонии тамоми самтҳои ҳокимият, ҳизб, созмонҳои ҷамиятӣ ва муассисаҳои истеҳсолӣ, ки бо таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам алоқамананд, ба ҳисоб меравад. Маводҳои бойгонии таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991), ки онҳоро то ҳол ягон кас истифода набурдааст ва ба интелегенсияи илмӣ қариб маълум нестанд, ташкил медиҳанд. Инчунин тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои унвонҷӯ асоснок буда, ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, мавзуи интихобкардаи унвонҷӯ мутлақо нав буда, дар ин самт ягон тадқиқот бурда нашудааст.

## Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 диссертатсияи Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) таҳлил ва муҳокима намуда, дар асоси бандҳои 57-60- и Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267)

## ҚАРОР МЕНАМОЯД:

**1.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия фарогири бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) мебошад. Диссертатсия ба самти шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 мувофиқ буда, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

**2.** Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи таърихи ватанӣ навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои илмӣ–назариявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд. Рушд додани таълими фанҳои таърих ва таърихнигорӣ, ки дар ҷумҳурӣ мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, мусоидат менамоянд.

**3.** Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур муҳаққиқони зерини соҳа таъин карда шаванд: **Абдурашитов Фозил Маматович** – доктори илмҳои таърих, профессор, аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ, мудири шуъбаи таърихи навтарини

Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ ва **Ортиқов Абдурафиқ Абдраманҷонович -** номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, аз рӯи ихтисоси (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).

**4**. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» тавсия дода шавад.

**5**. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру паҳнкунии автореферат, гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор **Абдуллоев М.Х.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои таърих **Баротов М.Ю.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои таърих **Неъмонов Б.З.**

*Имзоҳои д.и.т., Абдуллоев М.Х., н.и.т. Баротов М.Ю., н.и.т. Неъмонов Б.З.-ро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав, дотсент: Исозода Т.И.

«25» 07 соли 2025